Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 31 саҳ.).**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия чун зернизоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ба ташкил ва амалисозии қонунгузорӣ масъул буда, дар рушди маҳал нақши ҳалкунанда доранд. Натиҷаи рушди маҳал инъикоси самаранокӣ ва сифатнокии фаъолияти ин зинаи мақомоти ҳокимияти иҷроия дониста мешавад. Ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, танзими муносиби ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур ва ҳомилони он яке аз самтҳои афзалиятноки давлат мебошад. Зеро, ки давлат таҷассуми худро дар симои ин зумраи мақомот пайдо карда, нақши мақомоти мазкур дар рушди маҳал нишондиҳандаи сатҳ ва сифати идораи давлатӣ ба шумор меравад. Фаъолияти муътадил ва самарабахши мақомоти мазкур ва шахсони мансабдори он барои баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал назаррас мебошад.

Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои такмили қонунгузории соҳа, махсусан вазъи ҳуқуқии субектони идораи маҳал, шахсони мансабдори онҳо, ҷанбаҳои ҳамкории мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал, масоил вобаста ба бартараф намудани духӯрагии меъёрҳои қонунгузорӣ дар ин сатҳ, бартараф намудани бархурди манфиатҳо зимни татбиқи салоҳият, масоил вобаста ба доираи субъектони нашри санадҳои ҳуқуқӣ дар маҳал, вазъи ҳуқуқии субъектон ва сохторҳои идораи давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ, самтҳои ҳамкорӣ бо вогузор намудани ваколатҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ, ки бо такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкили муносиб ба даст оварда мешавад, мусоидат менамояд.

Бинобар ин, дар раванди ислоҳоти идораи давлатӣ дар кишвар таҳқиқоти мазкур аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дорад. Фаъолияти самарабахши ҳомилони низоми ҳокимияти иҷроия барои ташкили иҷрои қонунҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати идораи давлатӣ дар маҳал нақши муайянкунандаро доранд. Ин мақомот ба аҳолӣ бештар наздик мебошанд ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ, ташкили муносиб ва матлуби хизматрасониҳои давлатӣ, сифати зиндагии мардум ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва талаботи шаҳрвандон бо фаъолияти онҳо бевосита рабт дорад.

Дар алоқамандӣ ба масъалаҳои зикршуда дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ як қатор масоили таҳқиқталаб дар самти масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла, норасоиҳо зимни татбиқи салоҳият, ҳамкорӣ ва тамос, масоили вазъи ҳуқуқии раиси мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи раис, дигар унсурҳои идораи маҳаллӣ, самтҳои ҳамкорӣ дар сатҳи маҳал, масоили интиқоли ваколат дар сатҳи маҳал, масъалаҳо марбут ба шакли ташкилии ҳуқуқии мақомоти мазкур, субъектони ин зинаи идораи давлатӣ, доираи нашри санадҳои ҳуқуқӣ ва шакли ин санадҳо ҷой доранд, ки таҳқиқ ва таҳлили онҳо муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ аз таҳия ва омода намудани тадқиқоти илмии тахассусии фарогири масъалаҳои муҳиму мубрами илми ҳуқуқи маъмурӣ гувоҳӣ медиҳанд. Муаллиф ба таври низомнок ба таҳқиқи мавзуъ даст зада, ба натиҷаҳои арзандаи таваҷҷуҳ ноил шудааст.

Аз фишурдаи қисматҳои асосии автореферат бармеояд, ки муаллиф Раззоқзода Тамкин Мурод ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Дар тақиқот дар баробари ҷанбаҳои назариявӣ, аз ҷумла, мафҳум, хусусият, давраҳои ташаккул, таснифот, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур, ҳамзамон ба ҷанбаҳои амалии мавзуи таҳқиқшаванда, аз ҷумла, асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти мазкур, муайян намудани мутобиқати қонунгузорӣ

бо низомнома ва санадҳои дигари мақомоти баррасишаванда, доираи ваколат ва салоҳияти субъектони идораи маҳал ва санадҳои ҳуқуқии онҳо, ҳамкорӣ дар сатҳи маҳал диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, нисбат ба ҳолатҳои баҳснок баҳои асосноки ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст. Посух ба масъалаҳои баҳсноки амалиро дар нуктаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳод гардида ва тавсияҳои дигари амалӣ, ки дар автореферат мавҷуд мебошад, мушоҳида намудан мумкин аст.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба назар мерасад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси нуктаҳои илмии олимони соҳа, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ омода гардидааст. Дар баробари ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳамаи вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо диссертант ҳал намуда, ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидааст. Вале, ба ин нигоҳ накарда, ба назари мо баъзе аз масъалаҳое низ мавҷуданд, ки нисбат ба онҳо диққат додан зарур аст. Аз ҷумла:

1) Муаллиф дар нуктаи 11 ба ҳимоя пешниҳодшавандаи худ қайд менамояд, ки қонунгузорӣ салоҳияти раис ва иҷрокунандаи вазифаи раисро тафриқавӣ мустаҳкам накардааст. Пешниҳод менамояд, ки барои дуруст роҳнамоӣ кардани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ба тариқи тафриқавӣ салоҳияти раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис дар Қонуни конститусионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мушаххас карда шавад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия вобаста ба масъалаи мазкур маълумоти пурратар пешниҳод менамуд. Хусусан дар бораи фарқияти доираи ваколати раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис ва таъсири он ба иҷрои ваколати онҳо дар раванди амалсозии фаъолияти мақомоти маҳалли ҳокимияти иҷроия.

2) Бо назардошти дараҷаи баланди таҳияи мавзуи таҳқиқот чунин ба назар мерасад, ки ба муаллиф лозим буд, ки ҳангоми таҳия ва омода намудани рисолаи худ аз асарҳои илмии олимони кишварҳои дорои идораи шабеҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар истифода менамуд, инчунин, дар масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ки бо Тоҷикистон сохти давлатии шабеҳ

дошта, ба фаъолияти самарабахши ҳокимияти маҳаллӣ дастёб шудаанд, меомӯхт.

Эродҳои мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, танҳо хусусияти назариявӣ дошта, барои нисбатан комил гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст ва дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

Имзои Ғ.Б. Наимовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10; Факс: (+992-37) 227-15-10. Email: info@tnu.tj

“15” 05 2024 с.